Мизи мудаввар дар мавзуи «Наврӯз – рамзи тамаддуни миллӣ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Март, 2024 - 15:33
[1]

Дар таърихи 19-уми марти соли 2024 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯзи Аҷам бо иштироки кормандони Кумита мизи мудаввар дар мавзуи «Наврӯз – рамзи тамаддуни миллӣ» баргузор

гардид.

Чорабинии илмӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд.

Муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. чорабиниро ифтитоҳ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфта, ҳамагонро бо фарорасии Ҷашни байналмилалии Наврӯзи хуҷастапай табрик намуда, ҳамзамон, зикр намуд, ки боиси ифтихору сарфарозист, ки Наврӯз дар партави ормонҳои нусратбахши Истиқлоли давлатиамон ба марҳалаи нави эҳёи худ расида, туфайли сиёсати тамаддунофар ва фарҳангпарваронаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми хосса пайдо намуд ва аз ҷашни мардумӣ то сатҳи ҷашни давлатӣ ва байналмилалӣ эътироф гардид, ба унвони фарҳанги миллати тоҷик ҷаҳонӣ шуд.

Басо рамзист, ки имсол низ Наврӯзи оламафрӯз бо ҳама рангорангиву руҳи зиндагисозаш ва пайку муждаҳои баҳорӣ фаро расида, чун сароғози ҳаёти нав ва амалӣ шудани ормонҳои наҷиб ҳар яки моро барои расидан ба ҳадафу ниятҳои некамон ҳидоят менамояд. Бигзор, Наврӯзи бостонӣ ва баҳори нозанин барои мардуми Тоҷикистони азиз фаровониву ободӣ, шодиву нишот ва дастовардҳои беназир оварад.

Дар баромадҳои кормандони Кумита таърихи беш аз шашҳазорсолаи Наврӯз, ҷашни баҳор ва эҳёи табиат, оғози рӯзи наву соли нав, рамзи пирӯзию рӯшной бар зулмоту ҷаҳолат, айёми киштукори марди деҳқон зикр гардид, ки бо шарофати сиёсати башардӯстонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи эҳё гардидани суннату оинҳои наврӯзӣ сурат гирифтаанд.
Чорабинии зебои фарҳангӣ идомабахши ҳамоиши мазкур гардида, он хотири иштирокдоронро болида гардонд.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

•

•

•

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-dar-mavzui-navruz-ramzi-tamadduni-milli?qt-quicktabs=2

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.35.45_d4d4a6c1.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.35.45_d4d4a6c1.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.35.50_c76e1c74.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.35.51_d84d68c0.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.35.52_02ab098f.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.36.09_4d925ea2.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.36.11_38829561.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.38.03_429b3ec3.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/WhatsApp%20Image%202024-03-19%20at%2013.39.17_0fc401de.jpg